22120571

International Baccalaureate®
Baccalauréat International
Bachillerato Internacional

**TAJIK A1 – STANDARD LEVEL – PAPER 1**
**TADJIK A1 – NIVEAU MOYEN – ÉPREUVE 1**
**TAYIKO A1 – NIVEL MEDIO – PRUEBA 1**

Thursday 10 May 2012 (morning)
Jeudi 10 mai 2012 (matin)
Jueves 10 de mayo de 2012 (mañana)

1 hour 30 minutes / 1 heure 30 minutes / 1 hora 30 minutos

---

INSTRUCTIONS TO CANDIDATES

- Do not open this examination paper until instructed to do so.
- Write a commentary on one passage only. It is not compulsory for you to respond directly to the guiding questions provided. However, you may use them if you wish.
- The maximum mark for this examination paper is *[25 marks]*.

INSTRUCTIONS DESTINÉES AUX CANDIDATS

- N'ouvrez pas cette épreuve avant d'y être autorisé(e).
- Rédigez un commentaire sur un seul des passages. Le commentaire ne doit pas nécessairement répondre aux questions d'orientation fournies. Vous pouvez toutefois les utiliser si vous le désirez.
- Le nombre maximum de points pour cette épreuve d'examen est *[25 points]*.

INSTRUCCIONES PARA LOS ALUMNOS

- No abra esta prueba hasta que se lo autoricen.
- Escriba un comentario sobre un solo fragmento. No es obligatorio responder directamente a las preguntas que se ofrecen a modo de guía. Sin embargo, puede usarlas si lo desea.
- La puntuación máxima para esta prueba de examen es *[25 puntos]*.


© International Baccalaureate Organization 2012

***Яке** аз порчаҳои зеринро шарҳ диҳед:*

**1.**

## Вазири зирак

Боре дар мамлакате хушксоли омад. Гуруснаги омад, байни мардум муромури сар шуд. Подшоҳ, ахволи халқу мамлакатро дида, ба тахлука афтода, намедонист, ки чи кор кунад ва мардумашро аз марг чи гуна наҷот диҳад. Бисёр фикр кард, вале ба натиҷае расида натавонист. Ба чунин қароре омад, ки сарварии кишварро барон як сол ба вазираш супорад ва худаш ба назди бародараш, ки подшоҳи кишвари хамсоя буд рафт.

Вазир сарвари мамлакат шуд. Баъди фикри дуру дароз вазир тасмим гирифт. У ба хазинаи подшоҳ рафта, тамоми тиллову тангаро баробар ба мардум тақсим кард. Баъд ба мардум ру оварда гуфт:
— Ман ин пулҳоро ба шумо барои қарз медиҳам. Шумо ба кишварҳои дигар равед, ки дар он ҷо хушксоли нашудааст ва онҳо ҳосили фаровон ба даст овардаанд. Аз он ҷо гандуму орд харед. Ҳамон қадар харед, ки то соли оянда аз гуруснаги намуред ва то ҳосили оянда зинда монед. Қарзи худро пас аз фавти подшоҳ ба хазина месупоред. Мардум хушҳол шуданд ва рафтанд ба кишварҳои дигару ба он пул гандуму орд хариданд, аз марг наҷот ёфтанд, дуо мекарданд, ки подшоҳ умри дароз бинад.

Аз байн як сол гузашт. Подшоҳ ба қасри худ баргашт. Ҳоло у аз асп нафаромада, лаганбардорон ба подшоҳ гуфтанд, ки вазир ҳамаи тиллову тангаи хазинаро ба мардум тақсим кард.
Подшоҳ, асабони шуда, ба вазир ҳукми қатл дод. Ҳамон даме, ки ҷаллод сари вазирро буридан мехост, у ба подшоҳ, ру оварда гуфт:

— Эй сарвари олам! Иҷозат диҳед, ки пеш аз маргам ба шумо чанд сухан гуям.
— Гап зан! — рози шуд подшоҳ. Вазир гуфт:
— Воқеан ҳам ман ҳамаи хазинаи шуморо ба мардум тақсим кардам. Мардум тиллову тангаҳоро гирифта ба кишварҳои дигар рафтанд ва аз он ҷо галлаву орд хариданд. Ана ҳамин тавр ҷони худро аз гуруснагии марговар наҷот доданд. Ман ин пулҳоро ба онҳо ба қарз додам, ки ин қарзро пас аз вафоти шумо бояд баргардонанд. Эй подшоҳи олам, ҳоло тамоми мардум ба ҳакки шумо дуо мекунанд, ки саломатии подшоҳам пойдор ва умрашон дароз бошад!

Ин суханҳоро шунида, подшоҳ фаҳмид, ки воҷеан ҳам вазири у доно аст. Охир, вай на фақат мардумро аз гуруснагии марговар наҷот дод, балки онҳоро водор намуд, ки подшоҳи худро дуст доранд ва барояш умри дароз хоҳанд. Подшоҳ инро фаҳмида вазири донои худро накушт. Ана ҳамин тавр вазири доно ҳам мардум ва ҳам худашро аз марг наҷот дод.

Афсонаҳои халки тоҷик, Душанбе (2004)

- Хусусиятҳои услубии тасвири образҳои вазир ва подшоҳро муайян намоед.
- Вазир дар муошират бо мардум бештар аз кадом услуби забон истифода мешавад?
- Мазмуни асосии унвони ҳикоя чист?

**2.**

1 Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чи дандон буд,
Набуд дандон, лобал чароғи тобон буд.
2 Сапеди симзада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраи борон буд!
3 Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт
Чӣ наҳс буд, ҳамоно ки наҳси Кайвон буд!
4 На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман-т бигӯям: қазои Яздон буд.
5 Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест гирди гардон аст,
Ҳамеша то бувад ойин-ш, гирди гардон буд.
6 Ҳамон ки дармон бошад, ба ҷойи дард шавад
Ва боз дард ҳамон к-аз нахуст дармон буд.
7 Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон ки хулқон буд.
8 Басо шикаста биёбон ки боғи хуррам буд
Ва боғи хуррам гашт он куҷо биёбон буд
9 Ҳаме чи донӣ эй моҳрӯйи ғолиямӯй,
Ки ҳоли банда аз ин пеш бар чӣ сомон буд?!
10 Ба зулфи чавгон нозиш ҳамекунӣ ту бад-ӯ
Надидӣ он гаҳ ӯро, ки зулфҷавгон буд.
11 Шуд он замона, ки рӯяш ба сони дебо буд
Шуд он замона, ки мӯяш басони қатрон буд!
12 Чунонки хубӣ меҳмону дӯст буд азиз,
Бишуд, ки боз наёмад, азиз меҳмон буд...
13 Дилам хазонаи пурганҷ буду ганҷ сухан,
Нишонаи номаи мо меҳру шеър унвон буд.
14 Басо дило, ки басони ҳарир карда б шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
15 Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.
16 Иёл не, зану фарзанд не, маъунат не,
Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд.
17 Ту Рӯдакиро, ай фағ, кунун ҳамебинӣ
Бад-он замона надидӣ, ки ин чунинон буд.
18 Бад-он замона надиди, ки зӣ чаман рафтӣ,
Сурудгӯён, гуфти ҳазордастон буд!
19 Шуд он замона, ки ӯ унсирдмардон буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд...
20 Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд.

Рудаки, Девон, Душанбе (1976)

– Чи тавр Рудаки ҳоли худаш тасвир мекунад?

– Маънои байтҳои 13-ум ва 14-ум баён намоед.

– Таъсири истифода аз муколама дар ин шеър чӣ гуна аст?